«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктор илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
Ғафурзода А.Д.____________
«23» январи____соли 2023

Суратмаҷлиси
Шӯрои олимони факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

«21» 01____соли 2023 ш.Душанбе

**Иштирок доштанд:** аз 23 нафар аъзои Шӯрои олимони факултети идоракунии давлатӣ, ки дар асоси таъйиноти декани факултети идоракунии давлатӣ аз 17.01.2023, №Т/Д.. тасдиқ гардидааст, 23 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 2 нафар доктори илм ба ҳисоб меравaнд.

Пешниҳод мешавад, ки ҷаласаи Шӯрои олимони факултет кушода эълон карда шавад. Марҳамат, ягон пешниҳоди дигар ҳаст? Нест. Қарор қабул карда шуд, ки ҷаласаи Шӯрои олимони факултети идоракунии давлатӣ кушода эълон карда шавад.

РӮЗНОМАИ МАҶЛИС:

**Масъалаҳои ҷорӣ:** Экспертизаи давраи дуюми диссертатсияи Абдуалимзода Исмоил Иброҳим дар мавзӯи «Ташаккул ва рушди қонунгузории молиявии Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ» ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси илмии 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (илмҳои ҳуқуқшиносӣ).

**Роҳбари илмӣ:** – Ғафурзода Абдухалил Давлаталӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муқарризони холис:**

**Садизода Ҷаҳонгир** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисави факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон;

**Холинова Мижгона Муборакшоевна** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи идоракунии давлатӣ ва ҳуқуқи иқтисодии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикичтон;

**Кӣ ба рӯзномаи ҷаласа тарафдор аст, хоҳишмандам мавқеатонро муайян намоед.** Муқобил нест. Бетараф – нест. Ҳама тарафдор мебошанд.

**Сухан ба диссертант оид ба муҳтавои асосии диссертатсия дода мешавад.** Марҳамат!

**Абдуалимзода Исмоил Иброҳим** – баромад намуд.

**Раисикунанда**: Ба диссертант кӣ савол дорад? Марҳамат, устод Саъдиев И.И.

**Саъдиев И.И.** Вобаста ба мафҳуми "молия" маълумоти мухтасар пешниҳод мекардед.

**Раисикунанда**: Марҳамат унвонҷӯ!

**Унвонҷӯ**: Ташаккури зиёд, устоди азиз! Бояд қайд кард, ки фаҳмиши истилоҳи «молия» ба маънои васеи худ, ки ҳама намудҳои муносибатҳои пулиро дар бар мегирад, таърихан ба назарияҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқии англисӣ ва амрикоӣ хос аст, ки дар он падидаҳои молиявӣ ҳамчун ҳама гуна падидаҳое, ки танҳо бо пул алоқаманд эътироф карда мешаванд (бонкҳо, ташкилотҳои суғурта ва ғ.) ва маблағгузорон – шахсоне, ки дар муомилоти пулӣ иштирок мекунанд, фаҳмида мешавад.

Дар илми ҳуқуқшиносӣ ва иқтисод дар мавриди тафриқаи категорияҳои «молия» ва «иқтисоди пулӣ» ягон созиш вуҷуд надорад. Молия аксар вақт бо истилоҳи «пул» муайян карда мешавад, ки на ҳама вақт дуруст аст. Молия худ пул нест, дурусттараш, на ҳама пул, балки танҳо як қисми алоҳидаи он мебошад, ки ба давлат ва воҳидҳои маъмурию ҳудудии он имкон медиҳад вазифаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва дигар вазифаҳои дахлдори худро иҷро намоянд.

**Раисикунанда:** боз саволҳо ҳаст ба диссертант? Марҳамат устод Асоев М.

**Асоев М.** Фаъолияти аудиторӣ дар Тоҷикистон ҳамчун фаъолияти соҳибкорӣ ба шумор меравад, ҷиҳатиҳои назариявӣ-ҳуқуқии ин масъаларо шарҳ медодед?

**Раисикунанда:** Марҳамат унвонҷӯ!

**Унвонҷӯ**: Ташаккури зиёд, устоди азиз!

Дар пешбурди сиёсати молиявии давлат ташаккул ва ба роҳ мондани фаъолияти аудиторӣ нақши калидӣ дорад. Бо мақсади танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ва ба роҳ мондани фаъолияти аудиторӣ дар кишвар Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ» аз 22 июли соли 2013, №993 қабул карда шудааст. Тавре ки дар муқаддимаи Қонуни мазкур дарҷ гардидааст, он асосҳои ҳуқуқии фаъолияти аудиториро муайян намуда, муносибатҳои ҷамъиятиеро, ки дар ҷараёни амалӣ намудани он ба миён меоянд, танзим менамояд.

Мавриди зикр аст, ки фаъолияти аудиторӣ дар ҶТ ҳамчун фаъолияти соҳибкорӣ пазируфта шудааст, ки ба гузаронидани аудит ва дигар хизматрасонии марбут ба он, ки аудитори инфиродӣ ё ташкилоти аудиторӣ амалӣ менамояд. Дар фаъолияти касбии худ аудиторҳо аз касе вобастагие надоранд. Лекин, бахусус барои таъмини мустақилияти аудит ва принсипҳои он мунтазамкунии фаъолияти аудиторӣ, ҳам аз тарафи мақомоти давлатӣ ва ҳам ҷамъиятӣ зарур аст.

**Раисикунанда:** Боз саволҳо ҳаст ба диссертант? Саволҳо нест.

Сухан ба роҳбари илмии диссертант дода мешавад: Ғафурзода А.Д.- доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор (тақриз замима мегардад).

**Раисикунанда:** Сухан ба муқарризи холиси якум дода мешавад:

**Садизода Ҷаҳонгир** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон. (тақриз замима мегардад).

**Раисикунанда:** Сухан ба муқарризи холиси дуюм дода мешавад:

**Холинова Мижгона Муборакшоевна** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи идоракунии давлатӣ ва ҳуқуқи

иқтисодии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикичтон. (тақриз замима мегардад).

**Раисикунанда:** Ба мубоҳиса мегузарем. Кӣ хоҳиши иштирок намудан дар муҳокимаи рисолаи илмиро дорад? Хоҳишманд нест.

**Раисикунанда:** Таҳқиқоти диссертатсионии Абдуалимзода Исмоил Иброҳим дар мавзуи «Ташаккул ва рушди қонунгузории молиявии Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси илмии 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-018 тавсия карда шавад.

**Раисикунанда:** Кӣ ба хулосаи мазкур тарафдор аст. Марҳамат овоз диҳед. Муқобил, бетараф нест. Қарор ба як овоз қабул карда шуд. (хулоса замима мегардад)

Раиси Шӯрои олимони
факултети идоракунии давлатӣ — Қодирзода Д.С.

Котиб — Дабирҷони М.

**Муқарризи №1**
Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи инсон
ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ факултети
ҳуқуқшиносии Донишгоҳи
Миллии Тоҷикистон. — Саъдизода Ҷ.

**Муқарризи №2**
Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири
кафедраи идоракунии давлатӣ ва ҳуқуқи
иқтисодии Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон — Холинова М.М.

Имзоҳоро тасдиқ мекунам
Сардори РКК ва КМ АИДнПҶТ — Ш.Б.Ҳамидов

21.01.23

Имзои Саъдиев Ҷ-ро тасдиқмекунам
Сардори РК ва КМ ДМТ — Тавқиев Э.Ш.